**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ДАНҒАРА**

**ТДУ:340+9(575.3)**
**БКБ:67,3+63,3(2Т)**
**Ҳ–88**

**Бо ҳуқуқи дастнавис**

**ҲОҶИЕВ МУҲИДДИН СОҲИБҚУЛОВИЧ**

# ҚОНУННОМАИ СОСОНИЁН ҲАМЧУН САРЧАШМАИ ҲУҚУҚӢ: ТАҲҚИҚОТИ ТАЪРИХӢ-ҲУҚУҚӢ

**А В Т О Р Е Ф Е Р А Т И**
диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯи ихтисоси 12.00.01 – назария
ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимоти ҳуқуқӣ ва сиёсӣ
(илмҳои ҳуқуқшиносӣ)

Душанбе – 2021

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро гардидааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Холиқзода Абдураҳим Ғафор** – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн,** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири шуъбаи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.М. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Кенҷаев Шӯҳратҷон Юсуфович** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДДҲБСТ

**Муассисаи тақриздиҳанда:** Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш.Душанбе).

Ҳимояи диссертатсия 5-уми октябри соли 2021 соати 11:00 дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-002 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯч. Буни Ҳисорак, толори шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ баргузор мегардад.

Бо мазмуни диссертатсия дар сомонаи **www.tnu.tj** ва китобхонаи марказии илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) метавон шинос шуд.

Автореферат «______»__________ соли 2021 фиристода шуд.

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мубрамият ва зарурати интихоби мавзӯъ** дар он аст, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур ҷанбаҳои ҳуқуқии давраи Сосониён мавриди таҳқиқ қарор дода мешавад, ки ба далелҳо ва матнҳои алоҳидаи “Қонунномаи Сосониён” асос ёфтааст. “Қонунномаи Сосониён” ин талфифаи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки аз тарафи Фаррухмард писари Баҳром, ҳамасри Хусрави II Парвиз тартиб дода шудааст, роҳнамои ҳуқуқӣ ва намунаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии давраҳои пешина мебошад.

Китоб тақрибан соли 620 тартиб дода шудааст. Гарчанде он ҳамчун кодекс эътироф намегардад, лекин дар он ҳодисаҳои ҳуқуқӣ, ки ба соҳаҳои мухталиф ва ниҳодҳои ҳуқуқ бахшида шудаанд, ҷамъоварӣ шудаанд. Таъйиноти асосӣ – роҳнамо барои судяҳо ва фаъолияти ҳаррӯзаи онҳо ба ҳисоб мерафт.

“Қонунномаи Сосониён” қариб ҳазор қарори судӣ ва маъмуриро, ки ба масъалаҳои мухталиф бахшида шудаанд, фаро мегирад. Дар тартиб додани “Қонунномаи Сосониён” дигар маҷмӯаҳо низ истифода гардидаанд, ки номи онҳо дар худи китоб таҷассум гардидаанд. Лекин, сарчашмаи асосии таълифи он қарори мақомотҳои расмии ҳокимият, ки қувваи ҳуқуқии худро нигоҳ доштанд, ақидаи судяҳо ва олимони обрӯманди ҳуқуқ ва урфу одатҳои амалкунанда ба ҳисоб мерафтанд.

Сабаби асосии тартиб додани ин китоб имконнопазирии истифодаи минбаъдаи як қатор меъёрҳои “Авесто” ва дигар маҷмӯаҳои пешинаи ҳуқуқӣ мебошад, ки бо муносибатҳои нави ташаккулёфта номувофиқ гардида буданд. Аз рӯи мазмуну мундариҷа меъёрҳои “Қонунномаи Сосониён” масоили муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳ, истифодаи навъҳои мухталифи қарордодҳо, масъалаҳои мерос, васоят, ҷиноят ва ҷазоро фаро мегиранд.

Қайд намудан ба маврид, ки сарчашмаи мазкур дар доираҳои илмӣ бо номҳои “Қонунномаи Сосониён”, “Қонуни мадании зардуштиён”, “Мотикони ҳазор додистон (дадастон)”, “Китоби ҳазор қарорҳои судӣ” ва ғайраҳо ёдовар мешавад.

Оид ба мавҷудияти чунин як мероси муҳимми мардуми тоҷику форс – Мотикон аврупоиён тариқи навиштаҷотҳои таҳқиқотчии эронишинос – Ҷ. Дарместетер соли 1887 ошноӣ пайдо намуданд. Соли 1973 муҳаққиқи арманӣ А.Г. Переханян тарҷумаи русии Мотиконро ба чоп расонид, ки дар асоси он хонандагони русзабон бо ин мероси пурарзиши тоҷику форс шинос шуданд. Мардуми тоҷику форс, пас аз тарҷума гардидани Қонунномаи Сосониён аз тарафи Мубад Рустами Шаҳзодӣ соли 1949 имконият пайдо намуданд, ки бо матни комили он ошноӣ пайдо намоянд.

Дар таърихи давлатдории мардуми тоҷику форс, давраи ҳукмронии сулолаи Сосониён қариб чор асрро дарбар мегирад, ки бо истилои кишвар аз тарафи арабҳо ба итмом мерасад. Оид ба ҳаёти иҷтимоӣ ва санъат миқдори зиёди сарчашмаҳо мавҷуданд, нашриёҳои зиёди маводҳои археологӣ ва эпиграфӣ ҷой доранд. Диққати зиёд ба омӯзиши дин – ҳам зардуштия ва дигар ҳаракату ҷараёнҳои динӣ, ки дар империяи Сосониён амал менамуданд, равона гардидааст. Ба таърихи сиёсии империяи Сосонӣ низ миқдори зиёди таҳқиқотҳо бахшида шудаанд, ки дар қатори онҳо корҳои хусусияти умумидошта низ мавҷуданд.

Лекин таҷассуми ҳуқуқ ва ниҳодҳои ҳуқуқӣ дар миёни ин таҳқиқотҳо қариб, ки ҷой надорад, сохтор ва ниҳодҳои ҷамъиятии ҳуқуқӣ ба таври мушаххас пешниҳод карда нашудаанд. Албатта, чунин ҳолат бесабаб нест. Давлати Сосониён дар саҳнаи байналхалқии ин давра обрӯи хосса дошт, нақши сиёсии он ҳамчун мухолифи Императори Рим ва сипас Византия диққати таърихнигоронро ба худ ҷалб намудааст. Аз ин хотир, далелҳои таърихӣ-сиёсии давлати Сосониён нисбат ба дигар соҳаҳо, аз он ҷумла низоми ҳуқуқ беҳтар ва васеътар таҳқиқ карда шудаанд.

Дар шароити имрӯза баҳодиҳии муҳиммияти ошкорнамоии воқеияти иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ, ки тӯли садсолаҳо дар як ҳудуди калон мавҷуд буд, хеле душвор аст. Аз тарафи дигар, чунин ҳолат имконияти гузаронидани таҳқиқотҳои муқоисавӣ-таърихии ҳуқуқро маҳдуд намуда, имконият намедиҳад, ки саҳми империяи Сосониён дар бунёди ниҳодҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии тамаддуни исломӣ дар алоҳидагӣ баҳогузорӣ карда шавад.

Омӯзиш ва баррасии Қонунномаи Сосониён имконият медиҳад, ки ба ҷанбаҳои мухталифи давлатдории Сосониён аз нуқтаи назари ҳуқуқӣ равшанӣ андохта шавад. Дар воқеъ, Қонуннома ва усулҳои ҳуқуқии он аз назари илми таърихи ҳуқуқ равшангари бузургии ниёгони мардуми тоҷику форс дар масири таърих аст. Роҳу воситаҳои танзим ва ҳалли масъалаҳои нозуки ҳуқуқӣ, ошкор намудани ҳақиқат дар парвандаҳои мубрами оиладорӣ, баҳсу мунозираҳои молумулкӣ, зиддияту мухолифатҳои иҷтимоӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, тарзи гузаронидани мурофиаи судӣ, эҳтироми нақш ва мақоми додгоҳ худ шаҳодати фарҳанги ҳуқуқии рушдкарда ва низоми идоракунии устувори мардуми тоҷику форс мебошад.

Омӯзиш ва баррасии Қонуннома дар шароити имрӯза муҳим буда, интихоби мавзӯи мазкурро аз назари таърихӣ-ҳуқуқӣ ногузир гардонидааст. Омӯзиш ва баррасии Қонуннома ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқии давраи ҳукмронии Сосониён на танҳо амали зарурист, балки мояи ифтихор ва

худшиноси миллат аст, ки дар рушди неруи созандагии миллат як такони пурзӯр медиҳад.

**Робитаи мавзӯи таҳқиқот бо лоиҳаҳои илмӣ ва мавзӯъҳо.** Рисолаи илмӣ мувофиқи дурнамои нақшаи корҳои илмӣ – таҳқиқотии кафедраи фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи Донишгоҳи давлатии Данғара омода карда шудааст. Дурнамои мазкур: “Асосҳои таърихи давлатдорӣ ва эҳёи заминаи ҳуқуқ аз давраҳои Сосониён” – унвон шудааст ва рисолаи илмӣ дар доираи он омада гардидааст.

**Сатҳи таҳқиқи илмии мавзӯъ.** Дар таърихи давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқоти маҷмӯавӣ, ки дар он тамоми ҷанбаҳо ва масъалаҳои Қонунномаи Сосониён омӯхта шуда бошанд, ҷой надорад. Масъалаҳои умумии низоми давлатдорӣ, масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ марҳилаи ҳукмронии Сосониён, таърихи сулолаи Сосониён аз тарафи як қатор муҳаққиқон, ба монанди В.И. Авдиев, И.С. Брагинский, М. Бойс, М.С. Гаджиев, У. Гафарова, Ҷ. Дармастетер, М.А. Данамаев, В.Г. Луканин, С.Б. Дашков, М.М. Дяконов, Г.Р. Инсафпур. А.И. Колесников, А.Г. Периханян, А. Кристенсон, Ф.Т. Тоҳиров, А.Ғ. Холиқов мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шудааст[1].

[1] Авдиев В. И. История Древнего Востока. - М., 1970; Брагинский И. С. Древнеиранская литература.// История всемирной литературы. Т. 1. – М., 1983; Boyce M. Middle Persian literature. Handbuch d.Orientalistik. von B.Spuler, I Abt. Bd.2 Abschhnitt, Leif. I. Leiden-Koln, 1968; Гаджиев М.С. К вопросу о местоположении сасанидского города Шахристан-и Йездигерд // Древние и средневековые археологические памятники Дагестана, 1980; Гафарова. У. Вопросы морали в религиозно-мифологических концепциях Востока//Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. – Душанбе, 2003. Дандамаев М. А., Луконин В. Г. Культура и экономика древнего Ирана. М., 1980; Дашков С.Б. Цари царей - Сасаниды. Иран 3-7 вв. в легендах, исторических хрониках и современных исследованиях / С.Б. Дашков. – М.: СМИ-Азия, 2008; Дьяконов М.М. Очерк истории Древнего Ирана. М., 1961; Инсафпур Г.Р. История экономической жизни сельского населения и социальных слоев Ирана с доисторических времен до конца Сасанидского периода. – Андиша; Колесников А.И. Иран в начале XVII века // Палестинский Сборник. Вып. 22 (85). –Л., 1970; Луконин В.Г. Древний и раннесредневековый Иран. Очерки истории культуры. –М., 1987; Луконин В. Г. Культура Сасанидского Ирана. Иран в III-V вв.: Очерки по истории культуры. – М.: Наука, 1969; Периханян А. Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. – М., 1983; Тахиров Ф.Т. Гражданско-правовые нормы и институты Авесты и зороастризма / Ф.Т.Тахиров, А.Г.Халиков // Зороастризм и его значение в развитии цивилизации народов Ближнего и Среднего Востока. – Душанбе, 2003; Халиков А.Г. Общая характеристика Авесты как источника зороастрийского права // Бизнесс в законе. 2013. № 6; Холиков А. Г. История государство и права Таджикистана. -Душанбе, 2002; Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). –Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005; Darmeeter T. Revue Critique d’Histoire et de Litterature. Nouv.serie, t. XXIV, 1887, -P. 425-427; West E. Grundriss der Iranischen Philologie. – Strassburg, 1896, P. 116-117.

Ба омӯзиш ва баррасии масъалаҳои ҳуқуқии давраи ҳукмронии Сосониён чунин муҳаққиқон, аз қабили Ҷ. Дарместетер, А.Г. Периханян, А.Ғ. Холиқзода, М. Бойс, С.А. Зокирова, Б. Сарсухани, Ф. Хушанг ва дигарон рӯй овардаанд[2].

Яке аз таҳқиқотҳои пойгоҳии Қонунномаи Сосониён ба қалами олими арманӣ А.Г Периханян – Ҷомеа ва ҳуқуқи Эрон дар марҳилаи паҳлавӣ ва сосонӣ (Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды)[3] ба ҳисоб меравад, ки дар он ҷанбаҳои мухталифи Қонуннома мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст. Дар доираи ин таҳқиқот, муаллиф ба масъалаҳои ҳуқуқи шахс, сохтори ҷамъиятӣ, оила, ҳуқуқи молумулкии оилавӣ ва ҳуқуқи меросгирӣ, ҳуқуқи уҳдадоркунанда, қонунвайронкунӣ ва ҷиноят, мурофиаи судӣ диққати махсус равона намудааст. Таҳқиқоти мазкур ифодаи илмии ниҳодҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки аз асри II то милод то асри VII-ро фаро гирифта, асосан ба Қонунномаи Сосониён ва истифодаи матнҳои дигари паҳлавӣ, ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ва инчунин матнҳои дигар аз таҳқиқотҳои олимони хориҷӣ намудааст.

Дар дебочаи тарҷумаи "Қонунномаи Сосониён", ки аз тарафи муҳаққиқи армянӣ А.Г.Периханян ба забони рӯсӣ тарҷума шудааст, оид ба таълифи асар, сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, характери матн ва сарчашмаҳои он, номгӯи фаслҳои Қонуннома маълумоти муфассал додааст. Муҳаққиқи эронӣ Мубад Рустами Шаҳзодӣ матни Қонунномаро аз паҳлавӣ ба забони форсӣ тарҷума намудааст.

Муаллифи дигар, ки Қонунномаи Сосониёнро мавриди омӯзиш ва баррасии дақиқ қарор додааст, муҳаққиқи тоҷик А.Ғ. Холиқзода ба ҳисоб меравад, ки "Мухтасари Қонунномаи Сосониён"-ро[4] рӯи чоп овардааст. Дар ин таҳқиқот, қарорҳои додгоҳӣ ва ақидаҳои ҳуқуқии ҳуқуқшиносони бостони тоҷик аз давраи авестоӣ то интиҳои даврони сосонӣ маълумот пешниҳод менамояд. Муаллиф оид ба табиати ҳуқуқии Қонуннома, аҳаммияти сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва таърихии он, сарчашмаҳои матн ва истифодаи

---

[2] Darmeeter T. Revue Critique d'Histoire et de Litterature. Nouv.serie, t. XXIV, 1887, -P. 425-427; West E. Grundriss der Iranischen Philologie. – Strassburg, 1896; Периханян А. Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. – М., 1983; Переханян А.Г. Сасанидский Судебник. "Книга тысячи судебных решений". – Ереван, 1973; Халиков А.Г. Правовая система зороастризма (древнее право). –Душанбе: Маориф ва фарханг, 2005; Холиқзода А.Ғ. Мухтасари қонунномаи Сосониён. – Душанбе: "ЭР-граф", 2015; Boyce M. Middle Persian literature. Handbuch d.Orientalistik. von B.Spuler, I Abt. Bd.2 Abschhnitt, Leif. I. Leiden-Koln; Закирова, С.А. Особенности правового регулирования брачного правоотношения // Власть закона. 2015. № 4 (24); Сарухани Б. Введение в социологию семьи. – Тегеран: Кайхан; Хушанг Фархуджаста. Семья в Иране. – СПб., 2008.

[3] Периханян А. Г. Общество и право Ирана в парфянский и сасанидский периоды. - М., 1983.

[4] Холиқзода А.Ғ. Мухтасари қонунномаи Сосониён. –Душанбе: "ЭР-граф", 2015

он, макон ва замони амали меъёрҳои он, арзиши сарчашма аз назари худшиносӣ маълумоти муфассал пешниҳод намудааст.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ кӯшиш карда шудааст, ки дар асоси маълумотҳои Қонуннома ва таҳқиқоту таҳлилҳои муаллифони зикргардида, меъёрҳои ҳуқуқии Қонунномаро ба як низоми муайян даровarда, масъалаҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ваколатдоркунанда, ҳуқуқи уҳдадоркунанда ва ҳуқуқи манъкунандаро дар алоҳидагӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарордода шавад.

**Объекти таҳқиқотро** меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи судӣ ва ғайраҳо, ки дар Қонунномаи Сосониён ҷамъоварӣ ва муттаҳид карда шудаанд, ташкил менамояд.

**Мавзӯи таҳқиқот:** таҳқиқ ва таҳлили таърихӣ-ҳуқуқии Қонунномаи Сосониён, заминаҳо ва сарчашмаҳои ҳуқуқии пайдоиши он, меъёрҳои ҳуқуқи шрražданӣ, оилавӣ, судӣ мебошад.

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти илмӣ таҳлили таърихию ҳуқуқӣ ва назариявии меъёрҳои ҳуқуқии Қонунномаи Сосониён ба ҳисоб меравад.

Дар доираи мақсади мазкур **вазифаҳои зерини таҳқиқотӣ** гузошта шудааст:

- омӯзиш ва баррасии муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии империяи Сосониён;
- омӯзиш ва баррасии омилҳо ва заминаҳои сиёсии тартиб дода шудани Қонунномаи Сосониён;
-омӯзиш ва таҳлили сарчашмаҳо ва заминаҳои асосии ҳуқуқии таҳия гардидани Қонунномаи Сосониён;
- омӯзиш ва таҳлилу баррасии меъёрҳои ҳуқуқи граждании Қонунномаи Сосониён;
- омӯзиш ва таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ, фарзандхонӣ, парасторӣ, мерос ва меросгирӣ, ки дар Қонунномаи Сосониён ҷамъоварӣ ва муттаҳид карда шудаанд;
- омӯзиш ва таҳлили меъёрҳои судии Қонунномаи Сосониён, баррасӣ ва муқоисаи онҳо;
- омӯзиш ва баррасии хусусиятҳои ҳуқуқии ваколатдоркунанда, ки дар Қонунномаи Сосониён дарҷ гардидаанд;
-омӯзиш ва таҳлили табиати меъёрҳои ҳуқуқии уҳдадоркунанда, ки дар Қонунномаи Сосниён баён карда шудаанд;
- омӯзиш ва таҳлили хусусиятҳои меъёрҳои ҳуқуқии манъкунандаи Қонунномаи Сосониён.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар раванди таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф ба методҳои умумиэътирофгардидаи илмӣ, пеш

аз ҳама, методи диалектикӣ ва методҳои муосири умумиилмӣ ва хусусии илмии дар он асосёфта, ки дар илм ва амалияи ҳуқуқшиносӣ коркард гардидаанд, такя намудааст. Методҳои мушаххасӣ-таърихӣ, расмӣ-мантиқӣ, низомнок, маҳоисавӣ-ҳуқуқӣ, расмӣ-ҳуқуқии таҳлил ва ғайраҳо бештар мавриди истифода қарор дода шудаанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар соҳаи таърих ва назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи судӣ, таърихи давраи Сосониён, низоми ҳуқуқии давлати Сосониён, сарчашмаҳои ҳуқуқии антиқа ташкил намудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки он якумин маротиба дар илми ҳуқуқшиносии кишвар мавриди таҳлил қарор дода шудааст, ки меъёрҳои ҳуқуқии Қонунномаи Сосониён ба таври маҷмӯавӣ таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ карда шаванд.

Навгониҳои илмии таҳқиқот дар ҷанбаҳои зерин зоҳир мегардад:

- марҳилаи ҳукмронии Сосниён яке аз марҳилаҳои муҳими таърихи мардуми тоҷику форс ба ҳисоб меравад. Таҳқиқотҳои сиёсиву таърихӣ ҷанбаҳои мухталифи рушди давлату давлатдориро дар ин марҳила мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор додаанд. Лекин, ҷанбаҳои ҳуқуқӣ ва низоми ҳуқуқии давлати Сосониён то охир омӯхта нашудааст. Аз ин рӯ, бо омӯхтани омилҳо ва заминаҳои сиёсии пайдоиши Қонуннома, ба таври маҷмӯавӣ низоми сиёсӣ ва ҳуқуқии давлатдории Сосониён мавриди омӯзиш қарор дода шудааст;

- то ба имрӯз нисбат ба масъалаи пайдоиш ва таҳияи Қонуннома мавқеи ягонаи муаллифон ҷой надорад. Муаллифон, таърихи таҳия ва сарчашмаву заминаҳои ҳуқуқии пайдоиши Қонуннномаро бо такя ба сарчашмаҳои гуногун ба таври мухталиф баррасӣ менамоянд. Дар таҳқиқоти мазкур кӯшиш карда шудааст, ки бо истифода аз сарчашмаҳои мухталиф сарчашмаҳо ва заминаҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии таҳияи Қонунномаи Сосониён ба таври маҷмӯавӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шавад;

- дар таҳқиқотҳои таърихиву ҳуқуқӣ оид ба давраи ҳукмронии Сосониён маълумоти умумӣ пешниҳод карда шудааст. Дар таҳқиқоти мазкур саъйу кӯшиш карда шудааст, ки меъёрҳои ҳуқуқии гражданӣ, меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ ва меъёрҳои судии дар Қонунномаи Сосониён баёнгардида, ба таври маҷмӯавӣ мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода шаванд. Дар ин самт, меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ ва меъёрҳои судӣ дар асоси матни Қонунномаи Сосониён, сарчашмаҳои дигари ҳуқуқии марҳилаи Сосониён, инчунин як қатор таҳқиқотҳои ватаниву хориҷӣ ба таври алоҳида ва ба таври маҷмӯавӣ мавриди баррасиву таҳлил қарор гирифтаанд;

-таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки меъёрҳои ҳуқуқи ваколатдоркунанда, меъёрҳои ҳуқуқи ухдадоркунанда ва меъёрҳои ҳуқуқии манъкунанда, ки

дар Қонунномаи Сосониён баён гардидаанд, ба тариқи алоҳида ва интихобӣ аз тарафи муҳаққиқони мухталиф мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Лекин таҳқиқоти нисбатан васеъ ва маҷмӯавии ин меъёрҳо то ба имрӯз амалӣ нагардидаанд. Дар таҳқиқоти мазкур аввалин маротиба кӯшиш карда шудааст, ки ба таври маҷмӯавӣ хусусиятҳои ҳуқуқи ваколатдоркунанда, табиати меъёрҳои ҳуқуқии уҳдадоркунанда ва хусусиятҳои меъёрҳои ҳуқуқии манъкунанда, ки дар Қонунномаи Сосониён дарҷ гардидааст, таҳлилу хулосабарорӣ шавад.

Ба ҳимоя **нуқтаҳои илмии** зерин пешниҳод мегарданд, ки онҳо **навгониҳои** таҳқиқоти диссертатсиониро ифода менамоянд:

1. Ҷанбаҳои рушди муносибатҳои иҷтимоиву иқтисодии империяи Сосониён диққатҷалбкунанда аст. Империяи Сосониён чорсад сол арзи ҳастӣ намуда, аз ҷиҳати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ рушд намуда буд. Дар аввал меъёрҳои ҳуқуқии Авесто асосӣ буда, ҳамчун сарчашмаи тартиб додани маҷмӯаҳои ҳуқуқӣ баромад намудааст. Сабаби асосии тартиб додани Қонунномаи Сосониён ғайриимкон гардидани истифодаи минбаъдаи як қатор меъёрҳои “Авесто“ ва дигар маҷмӯаҳои ҳуқуқӣ дар асоси номутобиқатии онҳо ба муносибатҳои нави пайдошуда, ба ҳисоб меравад. Мувофиқи мазмуну мундариҷа меъёрҳои Қонунномаи Сосониён масъалаҳои муносибатҳои оилавӣ, шаклҳои никоҳ, бастани шартнома ва истифодаи навъҳои гуногуни он, масъалаҳои мерос ва меросгирӣ, парасторӣ, ҷиноятkорӣ ва ҷазоро фарогир аст.

2. Дар тартиб додани Қонунномаи Сосониён аз маҷмӯаҳои ҳуқуқии ҷойдошта васеъ истифода карда шудааст, ки номи онҳо дар худи Қонуннома зикр гардидааст. Дар асоси таҳлили матни Қонуннома, асосан ду гурӯҳи сарчашмаҳои танзимкунандаи он ҷудо карда мешавад. Гурӯҳи якуми сарчашмаҳо муқарраароти анъанавии ҳуқуқӣ, ки дар наскҳои ҳуқуқии Авесто, махсусан, дар шарҳу эзоҳоти паҳлавӣ ба ин наскҳо қайд гардидаанд, таҷассум менамоянд. Гурӯҳи дуюм – ин ақидаи ҳуқуқдонҳо, амру фармоиши шоҳон, қарорҳои судӣ, ки дар мурофиаи судӣ қабул шудаанд, ба ҳисоб меравaнд.

3.Меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, ки дар ин марҳила амал менамуданд, одатан тариқи ҳуқуқҳои муқаррарӣ ва қисман тариқи “Қонунномаи Сосониён” пешбинӣ шуда буданд. Дар қонунҳои амалкунанда якчанд меъёрҳо муқаррар гардида буданд, ки масъалаҳои моликияти давлатӣ, калисоӣ, хусусӣ ва феодалиро танзим менамуданд. Мувофиқи сарчашмаҳои сосонӣ, соҳибҳуқуқӣ ва мукаллафияти одамон на танҳо аз вазъияти озодии ӯ, балки аз мансубият ба ҷамоаи оилавӣ, синну сол ва ҳатто мансубияти динӣ вобаста буд.

4. Шаклҳои мухталифи никоҳ – пурра, нопурра, муваққатӣ ҷой доштанд, ки аз онҳо ҳуқуқи зан ва фарзандоне, ки дар чунин оилаҳо таваллуд шудаанд, инчунин раванди бекоркунии никоҳ вобаста буд. Мувофиқан,

муносибатҳои хешутаборӣ низ муҳим шуморида мешуданд. Безаниву бешавҳарӣ на танҳо бадбахтӣ, балки гуноҳ дониста мешуд.

5. Мувофиқи меъёрҳои Қонуннома ташкили суд, принсипҳои умумии муҳокимаи судӣ, мансабҳои судӣ, шакл ва тартиби муҳокимаи судӣ, тайёрӣ ва гузаронидани раванди судӣ, ҳуҷҷатҳои судӣ, қобилияти соҳибҳуқуқӣ ва намояндагӣ дар суд, тартиби пешниҳоди аризаи шикоятӣ бо низоми муайян муқаррар карда шудаанд. Дар муассисаҳои судӣ ду навъи судяҳо – судяҳои пастмартаба ва баландмартаба амал менамуданд. Даъво, аз рӯи характер, ба он даъвоҳое ки аз тарафи судяҳои пастмартаба ва даъвоҳое, ки аз тарафи судяҳои баландмартаба баррасӣ мегардиданд, ҷудо карда мешуданд. Қайд намудан зарур аст, ки судяҳои баландмартаба, илова бар ин, мақоми аппелятсионӣ дар баррасии такрории парвандаҳо баромад менамуданд.

6. Дар Қонуннома қисми алоҳидаи меъёрҳо ба масъалаҳои мухталифи ваколатҳои ҳуқуқии судяҳо ва ҳам шахсони мансабдор, ки дар ихтиёри онҳо заминҳои давлатӣ ва шоҳӣ, воридот ба хазина, молу мулки ибодатгоҳҳо ва воридот ба хазинаи он қарор доштанд, бахшида шудааст. Инҳо астандарон, ки мақомоти идоракунии заминҳо ва молумулки подшоҳиро роҳбарӣ менамоянд, амаргарон – мансабдорони давлатии молиявӣ, роҳбарони молумулки ибодатхонаҳо ба ҳисоб мерафтанд. Ин мансабдорон дар ҳисоб кардан ва ҷамъоварии андоз ва муайян намудани ҷаримаҳо ва ҳам дар корҳои мусодира намудани молумулк ва ворид намудани онҳо ба хазинаи подшоҳ ё ибодатхона ваколатдор буданд. Илова бар ин, дар Қонуннома на танҳо оид ба уҳдадориҳои маъмуриву хазинавии ин мансабдорони давлатӣ, балки оид ба салоҳияти онҳо дар иштирок намудан дар мурофиаи судӣ ба сифати намояндагони шахсони ҳуқуқии мувофиқ – хазина ва ибодатхонаҳо сухан меравад.

7. Ҳар яке аз ин навъҳои шартнома уҳдадориҳои муайянро ба миён меовард. Лекин, ҳуқуқи уҳдадоркунанда дар ҷамоаи авестоӣ ҷой надошт, аз ин хотир шартнома ва назорати иҷроиши он дар доираи ҳуқуқи муқаррарӣ ба роҳ монда шуда буд. Риоя нагардидани уҳдадориҳо ҳамчун рафтори ношоям, ҳатто гуноҳи динӣ ҳисобида мешуд. Аз ин хотир, тарси гунаҳкор гардидан, гузоштани гарав ҳамчун кафолати иҷроиши уҳдадориҳо баромад менамуданд. Дар давраи ҳукмронии паҳлавиёну сосониён вазъият дигаргун мешавад, ҳуқуқи уҳдадоркунанда ҳамчун қисми таркибии ҳуқуқи шахсӣ рушд менамояд. Хусусиятҳои асосии ҳуқуқи уҳдадоркунанда коркарди шаклҳои бастани шартнома ва ба расмият даровардани уҳдадориҳо, қайди хаттии онҳо, пайдо шудани ҳуҷҷати шартномавӣ; воситаҳои мухталифи таъмини иҷроиши шартнома; ҳимояи судии тарафҳои шартномаро пешниҳод менамуд.

8. Дар Қонуннomai Сосониён меъёрҳои мухталифи манъкунанда ҷойгир карда шудаанд, ки дар ҳолатҳои зарурӣ ин ё он амалро маҳдуд ё

манъ менамояд. Манънамоиҳо дар самти ҳуқуқи оилавӣ, дар ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи судӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Қайд намудан зарур аст, ки дар Қонуннома меъёрҳои ҳуқуқи манъкунанда ба таври маҳдуд пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳаммияти назариявии таҳқиқот.** Муқаррароти назариявӣ ва хулосаҳои диссертатсияро метавон дар таҳқиқотҳои минбаъда дар соҳаи таърих ва ҳуқуқи ниёгон, омӯзиш ва баррасии Қонунномаи Сосониён, низоми идора, инчунин дар раванди таълими таърихи халқи тоҷик, таърихи давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон, таърихи давлат ва ҳуқуқи кишварҳои хориҷӣ истифода намуд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот.** Маводҳои таҳқиқоти илмиро метавонанд мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар фаъолияти худ ҷиҳати такмили қонунгузорӣ мавриди истифода қарор диҳанд. Ҳамзамон, маводҳои таҳқиқоти диссертатсиониро бо мақсадҳои илмӣ дар гузаронидани таҳқиқотҳои илмӣ, дар раванди таълим дар муассисаҳои олии касбӣ, дар тартиб додани курсҳои махсус ва машғулиятҳои семинарӣ метавон истифода намуд.

**Тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия якчанд маротиба дар ҷаласаҳои кафедраи фанҳои ҷамъиятии Донишгоҳи давлатии Данғара ва кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ муҳокима шуда, ба ҳимоя дар Шӯрои диссертатсионии 6D. КОА – 002-и назди ДМТ тавсия шудааст.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодоти муаллиф дар ҳаҷми умумии 2,3 ҷузъи чопӣ дар 6 мақола инъикос ёфтаанд, ки 5-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ нашр гардидаанд.

Натиҷаҳои таҳқиқот истифодаи амалии хешро дар раванди таълим пайдо намудаанд. Ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқот ба таври маърӯзаҳо дар конференсияҳои сатҳи мухталиф ироа карда шудаанд, аз ҷумла: Заминаҳо ва омилҳои пайдоиши Қонуннома дар даврони Сосониён. Маводи конференсияи умумидонишгоҳии илмию амалии ҳайати профессоррону омӯзгорон, аспирантону донишҷӯён бахшида ба “20-солагии Ваҳдати миллӣ” (17-22 – юми апрели 2017). – С. 144-151.; Қонуномаи Сосониён ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии ҳайати профессоррону омӯзгорон, аспирантону магистрантон ва донишҷӯён, бахшида ба 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2018 – соли “рушди сайёҳӣ ва хунарҳои мардумӣ” (рӯзҳои 27-30-юми апрели соли 2018). – С. 68-74. Таъсири бисёрникоҳӣ ба муносибатҳои оилавӣ. Маҷмӯи мақолаҳои конференсияи ҷумҳуриявии ҳайати профессоррону омӯзгорон, аспирантону магистрантон ва донишҷӯён бахшида ба 27-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон, соли 2018-соли "рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ" (рӯзҳои 27-30-юми апрели соли 2018). – С. 186-189.

**Саҳми унвонҷӯ** дар гузориш ва коркарди роҳҳои иҷроиши тамоми вазифаҳои асосӣ, ки дар доираи кори диссертатсионӣ ҳал карда шудаанд, нақши ҳалкунанда дар тамоми марҳилаҳои таҳқиқот ва таснифоти натиҷаҳои ниҳоӣ, ки дар корҳои илмии дар нашрияҳои махсусгардонидашуда таҷассум ёфтаанд, зоҳир мегардад. Илова бар ин, саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо сатҳи навгонии илмии таҳқиқот, нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамзамон тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби рисола саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми** диссертатсия аз мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ бармеояд ва аз сарсухан, се боб, ҳафт зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ

Дар **муқаддима** мубрамияти мавзӯи таҳқиқот асоснок карда шуда, дараҷаи омӯзиш, мақсад, вазифаи омӯзиш, асосҳои методологии он, навовариҳои илмӣ, аҳамияти назариявӣ-амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, сохтор ва ҳаҷми рисола мушаххас гардидааст.

Дар боби якум – **"Омилҳои сиёсӣ ва ҳуқуқии пайдоиши Қонунномаи Сосониён"**, ки аз ду зербоб иборат аст, муаллиф омилҳои сиёсии пайдоиши Қонунномаи Сосониён, заминаҳои ҳуқуқии таҳияи онро бо истифода аз сарчашмаҳои мухталифи таърихӣ-ҳуқуқӣ таҳлил намудааст.

Дар зербоби якум – **"Омилҳои сиёсии пайдоиши Қонунномаи Сосониён"** омилҳои сиёсии пайдоиши Қонуннома мавриди баррасӣ қарор дода шуда, муаллиф ба сохтори сиёсӣ, вазъияти сиёсиву ҳуқуқии давлати Сосониён диққати махсус равона намуда, бо истифода аз сарчашмаҳои мухталифи илмӣ масъалаи мазкурро таҳлил намудааст.

Қайд карда шудааст, ки дар омӯзиш ва баррасии низоми ҳуқуқии давлати Сосониён аҳаммияти махсусро "Қонунномаи Сосониён" доро мебошад. Дар замони муосир ин ягона мероси давраи Сосониён мебошад, ки ба маҷмӯи масъалаҳои ҳуқуқӣ бахшида шудааст ва то ба мо омада расидааст. Чунин маҷмӯаҳо ба сифати роҳнамо барои амалияи судӣ тартиб дода мешуданд.

Корҳо ва қарорҳои судӣ соҳаҳои мухталифи ҳуқуқиро ба монанди муносибатҳои молумулкӣ; уҳдадорӣ, шаклҳои ҷамъиятӣ ва идоравӣ; ташкили мурофиаи судӣ; ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ фарогир мебошанд. Бо таҳқиқи маълумоти Қонуннома имконияти таҳлили пурраи низоми ҳуқуқии давлати Сосониён пайдо мешавад.

Масъалаи таърихи тартиб дода шудани Қонуннома байни таҳқиқотчиён баҳсу мунозираҳо ба миён овардааст, ки имрӯз низ идома дорад. Гурӯҳи якуми муаллифон таъкид менамоянд, ки Қонуннома дар асри IX тартиб дода шудааст. Гурӯҳи дуюми муаллифон бошанд, ин мавқеъро рад менамоянд. Қонунномаи Сосониён ифодагари сохтори ҷамъиятӣ ва давлатии Сосониён аст, меъёрҳои он сохтори маъмурӣ ва ҳудудии ин салтанатро инъикос мекунанд. Дар матни Қонуннома амру фармони шоҳони Сосонӣ оварда шудааст, ки баъди пошхӯрии салтанати Сосониён ҷамъоварӣ ва ба таври маҷмӯаи алоҳида таҳия намудани онҳо аҳаммият надорад.

Барои муайян амудани омилҳои сиёсии пайдоиши Қонуннома зарур аст, ки муносибатҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва таърихи сиёсии давлати Сосониён дар давраи таҳия шудани ин маҷмӯа таҳлил карда шавад.

Чун дар Қонуннома тамоми масъалаҳои марбут ба ғуломон ва ғуломдорӣ таҷассум ёфтаанд, метавон қайд намуд, ки яке аз омилҳои муҳимми пайдоиши маҷмӯаи мазкур, банизомдарории муносибатҳои сохтори ғуломдорӣ ба ҳисоб меравад. Яъне, маҷмӯаҳои қонунӣ ва дигар қонунҳои амалкунанда, масъалаи мазкурро ба пуррагӣ таҷассум намекарданд.

Ҳудуди давлати Сосониён то ҳадде бузург буд, ки онро империя низ меноманд. Дар охири асри III ва оғози асри IV аз империя як қатор вилоятҳо дар Шарқи империя берун шуданд, лекин дар давраи ҳукмронии Шопури II, ҳокимият дар вилоятҳои аздастрафта аз нав барқарор карда шуд. Идора намудани ҳудуди бузурги империя низоми муайяни идоракуниро талаб менамуд. Дар ин самт, албатта, барои самаранокии идоракунии империя низоми муайяни ҳуқуқӣ зарур буд, ки ба ин масъала Сосониён диққати махсус равона менамуданд. Чун дар Қонуннома оид ба фаъолияти мақомоти алоҳидаи давлатӣ сухан меравад, метавон чунин шуморид, ки яке аз сабабҳои пайдоиши он – ин таъмини низоми ҳуқуқӣ бо меъёрҳои нав ва инчунин муайян намудани фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ аст, ки бояд самаранокии фаъолияти ин мақомот ва дар умум тамоми давлатро таъмин намояд.

Тағйироти сиёсати дохилӣ ва хориҷии империяи Сосониён, зарурати такмили низоми ҳуқуқии давлатиро тақозо менамуд. Дар доираи сиёсати дохилӣ, норозигии мардум, масалан, ҳаракати маздакия, боиси дигаргун гардидани тарзи идоракунӣ ва дигаргун гардидани як қатор меъёрҳои ҳуқуқӣ гаридааст. Чунин мешуморем, ки ин дигаргуниҳову тағйиротро маҳз Қонуннома фарогир буд.

Дар зербоби дуюм – **“Заминаҳои ҳуқуқии таҳияи Қонунномаи Сосониён”** масъалаи заминаҳои ҳуқуқии таҳия гардидани маҷмӯаи ҳуқуқӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Дар шароити мусоир сарчашмаҳои асосии омӯзиш ва баррасии таърихи давлатдории Сосони-

ён маҳдуд буда, аксарияти навиштаҷотҳо то ба мо нарасидаанд. Метавон қайд намуд, ки пас аз ғасби империя аз тарафи арабҳо, аксарияти навиштаҷотҳо ва китобҳову асарҳои нодир нобуд карда шуданд. Ба ҳар ҳол, як қатор навиштаҷотҳо қисман то ба мо омада расидаанд, ки метавон дар асоси маълумоти онҳо вазъияти умумии давлатдории Сосониёнро тасаввур намуд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ҳудуди империяи Сосониён сарчашмаҳои мухталифи ҳуқуқӣ амал менамуданд. Сарчашма ва заминаи асосии ҳуқуқӣ Авесто ба ҳисоб мерафт. Дар ин давра ба он миқдори муайяни иловаҳо ворид карда шуданд, ки дар “Хурд Авесто” таҷассум гардидаанд. Меъёрҳои Авесто ба пайдоиши дигар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ки дар услубҳои мухталиф пайдо шудаанд, таъсири ҷиддӣ расонидаанд, масалан, “Китоб оид ба амалҳои Ардашер”, “Китоб оид ба ҳукмронӣ”, “Мактуби Тансар” ва ғайраҳо.

Яке аз сарчашмаҳо, ки дар он меъёрҳои муайяни сохтори иҷтимоӣ–сиёсӣ дарҷ гардидааст, “Мактуби Тансар” ба ҳисоб мерад. Тақрибан дар асри VI дар услуби андарз тартиб дода шудааст, ки дар ин марҳилаи ҳукмронии Сосониён яке аз услубҳои паҳнгардида ба ҳисоб мерафт. Ин сарчашмаи ҳуқуқӣ дар асри VIII аз тарафи таърихнигор Ибн-ал-Мукаффӣ ба забони арабӣ тарҷума карда шудааст, лекин то ба мо омада нарасидааст. Таърихнигори форс Муҳаммад Ибн-ал-Ҳасан ибн Исфандиёр тарҷумаи арабии онро дар асари худ “Таърихи Табаристон” дар асри XIII истифода намудааст. Маҳз тариқи ин асар “Мактуби Тансар” ба мо омада расидааст.

Дар тартиб додани Қонуннома аз маҷмӯаи ҳуқуқии ҷойдошта васеъ истифода карда шудааст, ки номи онҳо дар он зикр гардидаанд. Дар асоси таҳлили матни Қонуннома, асосан ду гурӯҳи сарчашмаҳои тартибдиҳии он ҷудо карда мешавад. Гурӯҳи якуми сарчашмаҳо муқарраpоти анъанавии ҳуқуқӣ, ки дар наскҳои ҳуқуқии Авесто, махсусан, дар шарҳу эзоҳоти паҳлавӣ ба ин наскҳо қайд гардидаанд; гурӯҳи дуюми сарчашмаҳо – маҷмӯаҳои ҳуқуқии мавҷуда, амру фармони шоҳон, ақида ва мавқеи ҳуқуқдонони шинохтаи замони Сосониёнро таҷассум менамоянд.

Дар асоси таҳлили мазкур, метавон қайд намуд, ки Авесто ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи амалкунандаи давраи Сосониён баромад намудааст. Инчунин, тамоми маҷмӯаҳои судӣ, аз он ҷумла Қонунномаи Сосониён бо истифода аз ин сарчашмаи ҳуқуқӣ тартиб дода шудааст, яъне меъёрҳои ҳуқуқии муқарраpнамудаи Авесто дар ин маҷмӯа ҷой дода шудаанд.

Муаллифи Қонуннома ба обрӯву эътибори шарҳдиҳандагон такя намуда, қариб чил номи шарҳдиҳандагони маъруфро номбар намудааст. Ҳуқуқшиносони машҳур мисли Мороспанд, Баҳром, Озодмард, Сиё-

вахш, Моҳёр Моҳвандон, Ҷомосп ва дигарон чандин маротиба дар матн ёдоварӣ шуда, аз номи онҳо тартибу усули дуруст ва адолатноки ҳалли масъалаи ҳуқуқӣ пешниҳод гардидааст. Дар Қонуннома ҳолатҳое вомехӯранд, ки як шарҳдиҳанда ё ҳуқуқшинос ба ақидаи ҳуқуқшиноси дигаре такя менамояд, ки пештар ба масъалаи мазкур равшанӣ андохтааст. Илова бар ин, ҳуқуқдони дуюм, дар ҳалли масъалаи мушаххас ба нафари сеюм такя намудааст, ки ин имконият медиҳад пайдарпайии хронологии як қатор шарҳҳо муайян карда шаванд.

Дар Қонуннома маҷмӯаи ҳуқуқии мавҷуда васеъ истифода карда шудааст, ки номи онҳо дар он зикр гардидаанд. Дар асоси таҳлили матни Қонуннома, асосан ду гурӯҳи сарчашмаҳои тартибдиҳии он ҷудо карда мешавад: муқаррароти анъанавии ҳуқуқӣ; маҷмӯаҳои ҳуқуқии мавҷуда, амру фармони шоҳон, ақида ва мавқеи ҳуқуқдонони шинохта.

Дар боби дуюм – **“Таснифи меъёрҳои ҳуқуқии Қонунномаи Сосониён”** меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ, меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ ва меъёрҳои ҳуқуқии судӣ мавриди таҳлил қарор дода шудаанд.

Дар зербоби якум – **“Меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ”** масъалаи соҳибҳуқуқии қишрҳои мухталифи ҷомеа таҳлил карда шудааст. Меъёрҳои ҳуқуқи граждание, ки дар ин марҳила амал менамуданд, одатан тариқи ҳуқуқи муқаррарӣ ва қисман тариқи Қонуннома пешбинӣ шуда буданд. Дар қонунҳои амалкунанда якчанд меъёрҳо муқаррар гардида буданд, ки масъалаҳои моликияти давлатӣ, калисоӣ, хусусӣ ва феодалиро танзим менамуданд. Мувофиқи сарчашмаҳои сосонӣ, соҳибҳуқуқӣ ва мукаллафияти одамон на танҳо аз вазъияти озодии ӯ, балки аз мансубият ба ҷамоаи оилавӣ, синну сол ва ҳатто мансубияти динӣ вобаста буд.

Таҳлили сарчашмаҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар ин давра одамони алоҳида дорои имтиёзҳои муайяни ҳуқуқӣ буданд. Масалан, А.Ғ. Холиқзода қайд менамояд, ки бо пайдоиши ҳуқуқ танзими ҳимояи манфиатҳои одамон ҳамчун қисми таркибии танзимнамоии меъёрӣ, роҳи эътирофи расмӣ ҷустуҷӯ карда мешуд. Дар давраи ташаккули тамаддунҳо одамони мукаллаф – одамони алоҳида, ки имтиёзҳои муайян доштанд, ҳисобида мешуданд.

Масъалаҳои ҳуқуқи ашёӣ ва ҳуқуқи молумулкӣ: муносибати субъект ба ашё ду навъи ҳуқуқро ба миён овард:

- ҳуқуқи ашёӣ: ҳуқуқи молумулкӣ, ки идоракунии номаҳдудро нисбати ашё муқаррар менамояд;
- ҳуқуқи шахсиву масъулиятӣ, ки ҳуқуқи талаб карданро бунёд менамояд: ҳуқуқи маҳдуд нисбат ба ашё, ки ба шахс тааллуқ надорад.

Дар Қонуннома, қайд карда мешавад, ки ҳуқуқ ба молу мулк дорои шаклҳои зерин мебошад: моликияти шахсӣ, моликияти оилавӣ, моликияти ҷамъиятӣ ва ҷамоавӣ. Инчунин, асосҳои ба даст овардани ҳуқуқи

молумулкӣ ва дигар ҳуқуқҳои ашёӣ муқаррар карда шудааст: а) ба мерос гирифтан; б) дар асосҳои қонунӣ гузаронидани ҳуқуқи соҳибикунӣ ба шахсони дигар (гузашткунӣ, радкунӣ); в) дар асоси муомилоти мухталиф, ба монанди қарордоди иҷора; г) дар асосҳои ҷамъиятӣ – ҳуқуқӣ, масалан, ба даст овардани қитъаи замин, ки ба хазина тааллуқ дорад, барои хизмат ба давлат.

Дар Қонуннома ба таври васеъ масъалаҳои моликияти оилавӣ (дастаҷамъӣ) ва меросгирӣ мувофиқи қонун таҷассум гардидаанд. Меросгирӣ чунин масъалаҳо, ба монанди таъмини меросгирӣ (сутур), интиқоли молу мулки сардори оила, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои молумулкӣ, муайян намудани меросхӯронро дар бар мегирад.

Масъалаи моликияти оилавӣ дар се ҷанбаи асосӣ баррасӣ гардидааст:

- ҳуқуқи сардори оила ҳангоми дар қайди ҳаёт будан барои идора намудани молу мулк бо диди худ;

- марги сардори оила ва масъалаи интиқол, ки дар натиҷаи кушодани мерос пайдо мешаванд;

- меъёри меросгирӣ дар доираи оила ("қонуни меросгирӣ").

Дар ҳуқуқи бостонии тоҷикон, ҳамчун дигар низомҳои ҳуқуқӣ, қобилияти ҳуқуқдории инсон аз лаҳзаи таваллуд оғоз мегардад ва пеш аз лаҳзаи тавлид ҳифз карда мешуданд. Дар давраи ҳомиладории модар, кӯдаки таваллуднашуда қобилияти ҳуқуқдории эҳтимолӣ дошт, соҳибҳуқуқии воқеиро бошад, танҳо пас аз таваллуд ба даст меовард. Дар Қонуннома оид ба додани ашёҳо, сутурият, инчунин муайян намудани ҳисса дар мерос, ки дар ҳолати таваллуд шудан иҷро карда мешавад, дастур дода шудааст.

Ҳуқуқ ба моликият ба соҳибмулк имконият медиҳад, ки на танҳо ғуломро истисмор ва натиҷаи меҳнати ӯро аз худ намояд, балки ба шахсияти ғулом ҳамчун ашё муносибат намояд. Ғуломро фурӯхтан ва ба нафари дигар туҳфа намудан иҷозат дода шуда буд. Дар чунин ҳолат соҳибмулк метавонист, ки ғуломро ба пуррагӣ ё қисман фурӯшад.

Дар Қонуннома қайд карда шудааст, ки ғуломро ба мерос мегиранд ва мефурӯшанд ва дар гарави кафолатии ипотека метавон истифода намуд. Ҳамин тариқ, ҳуқуқ ба моликият ба соҳибмулк имконият медиҳад, ки ғуломи аз тарафи дигар нафар рабудашударо дар асоси қонун ва шакли ҳуқуқӣ, яъне тариқи даъвои ревиндикатсионӣ (тасдиқӣ) ва ревокатсионӣ (фасх) баргардонад.

Дар ин давра принсипе амал менамуд, ки тамоми ашёҳои бадастовардаи ғулом дар давраи ғуломӣ ба соҳибмулк тааллуқ дошт ва дар давоми тамоми давраи мавҷудияти ғуломдорӣ ин принсип мавриди истифода қарор дода шудааст. Лекин дар баъзе ҳолатҳо чунин ба назар мерасад, ки ин принсип рад карда шудааст. Дар ҳолате ғулом ба сифати

соҳибмулки ашё баромад менамояд, ки аз тарафи худи соҳибмулк ба ӯ тақдим ё туҳфа карда шудааст. Лекин, ба ҳар ҳол, новобаста аз он, ки ашё ба ғулом тақдим карда шудааст, ғулом ва ин ашёҳо ба соҳибмулк тааллуқ доранд.

Дар давраи Сосониён меъёрҳои ҳуқуқи граждани сатҳи рушди муайяни худро ба даст оварда буд. Дар ин давра, дар доираи меёърҳои ҳуқуқи граждани ба намояндагони дини зардуштия имтиёзҳои муайян пешбинӣ гардида буд. Ҳамон нафароне соҳибҳуқуқ ҳисобида мешуданд, ки аъзои ҷамоаи динии зардуштия бошанд, ба синни балоғат расида бошанд, дар зери ҳимояи нафаре қарор надошта бошад.

Соҳибҳуқуқӣ ва мукаллафияти инсон, мансубият ба ҷамоаи деҳотӣ ё шаҳрӣ, инчунин ба ҷамоаи динӣ муайян менамуд. Мансубият ба ҷамоа ба инсон бо аъзогии ӯ ба оила ё гурӯҳи агнатикӣ, ки шомили ин ҷамоа буд, кафолат дода мешуд.

Дар зербоби дуюм – **“Меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ”** масъалаҳои ҳуқуқи олиавӣ, ҳуқуқи молумулки оилавӣ, никоҳ, фарзандхонӣ, навъҳои гуногуни никоҳ, ки дар низоми ҳуқуқии давлати Сосниён мавҷуд буданд таҳлил карда шудаанд.

Оид ба рушди муносибатҳои оилавӣ то давраи исломии мардуми форсу тоҷик сарчашмаҳои кам боқӣ мондаанд, зеро бо ҳуҷуми арабҳо соли 636 дастовардҳои илмӣ, китоб ва дастнависҳои зиёд нобуд карда шуданд. Аз ин хотир сарчашмаҳои асосии ин давра кофтуковҳои археологӣ дар ҳудуди Миср ва Вавилон ва дигар ҳудудҳо, ки ба ҳаёти ҳокимияти Хоҳомашинҳо дохил буданд, ба ҳисоб мераванд. Илова бар ин, принсипҳо ва унсурҳои ҳуқуқи оилавӣ дар ёдгориҳои тоисломӣ, сарчашмаҳои таърихӣ, инчунин як қатор анъана ва урфу одатҳои авлодӣ, ки то ба имрӯз нигоҳ дошта шудаанд, баён гардидаанд.

То давраи Сосониён ячейкаи поёнии ҷомеаи форсҳо оила гардид. Оилаи калон ва хурд ҷудо карда мешуд. Оилаи калон – ин оилаи бародарони ҷудо нагардида ба ҳисоб мерафт. Нишондиҳандаҳои асосии муайянкунандаи хусусиятҳои оилавӣ хешутаборӣ, умумияти парастиш, расму ойини парастиш, умумияти иқтисодӣ, инчунин умумияти истеҳсолӣ ва истеъмолӣ ба ҳисоб мерафт.

Дар муносибати ҳуқуқӣ оила гурӯҳи хешу таборон буд, ки бо ҳамдигар дар муносибатҳои ҳокимиятӣ ва мартабот алоқаманд буда, аз тарафи сарвари оила роҳбарӣ карда мешуд ва чунин алоқаҳо ба шахсият ва молумулк таъсир мерасониданд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки оила ташкилоти поёнии ҷамъиятӣ буд, дар доираи он системаи қатъии ҳуқуқ ва уҳдадориҳои аъзои он амал менамуд.

Бо истисно намудани тасаввуроти диниву этикӣ, ба пуррагӣ дарк намудани институти молумулки оилавӣ, характери муносибати байни аъзои оила, меъёрҳои меросгирӣ ва меросдиҳӣ ғайриимкон мегардад.

Умуман, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳеҷ як соҳаи ҳуқуқ ва институтҳои он аз таъсири тасаввуротҳои диниву этикӣ озод набуданд, зеро худи ҳуқуқ ҳамчун системаи меъёрҳо дар ҷомеаи антиқа ва асримиёнагӣ қисми этикаи динӣ шуморида мешуд.

Дар раванди баррасии шаклҳои никоҳ дар Эрон ҳамчун системаи муттасил, муносибатҳои ҳатмӣ ва дигар институтҳои иҷтимоиву ҳуқуқӣ, ҳолатҳои зиёде пайдо мешаванд, ки нақш ва мақоми тасаввуроти динӣ ва этикиро нишон медиҳанд. Мисоли равшан никоҳи стурӣ ба ҳисоб меравад, ки ба пуррагӣ дар тасаввуроти динӣ асос ёфтааст.

Муносибатҳои оилавӣ дар тааддуди издивоҷ ва тартибот асос меёфт, ки дар масъалаи муайян намудани вазъияти муносибатҳои ҳуқуқии дохилиоилавӣ – муносибати байни ҳамсарон, волидайн ва фарзандон, меросгирии молумулк проблемаи муҳим ба ҳисоб мерафт. Пас аз акди никоҳ, зан ба пуррагӣ ба шавҳар тааллуқ дошт ва ҳатто муносибатҳоро бо оилаи худ қатъ менамуд. Занони синфи болоӣ истисно буданд, ки нисбатан мустақил буданд, дорои молумулки муайян буданд, дар фаъолияти хоҷагидорӣ ширкат меварзиданд, молу мулки худро метавонистанд ба фурӯш гузоранд, иваз намоянд, ба иҷора диҳанд, ба касе инъом намоянд. Занони табақаҳои болоӣ имконият доштанд, ки ба коре машғул шаванд, маош гиранд, ки дар натиҷа мустақилии иқтисодии онҳоро таъмин менамуд. Лекин, занон наметавонистанд, ки дар бастани шартномаҳо шоҳид бошанд. Аз тарафи дигар, онҳо метавонистанд шартнома банданд, зеро дорои муҳри худ буданд.

Дар Қонуннома масъалаи муносибатҳои никоҳӣ ва оилавӣ – шаклҳои никоҳ, молу мулки умумии ҳамсарон, масъалаҳои меросии ҳамсарон ба якдигар, мақоми ҳуқуқии фарзандон, васоят ва сарпарастиву парасторӣ, фарзандхонӣ ва мақоми ҳуқуқии онҳо баррасӣ карда шудаанд. Ба хотире ки навъҳои мухталифи никоҳ мавҷуд буд ва аксарияти ҷанбаҳои муносибатҳои оилавӣ мувофиқи он муайян карда мешуданд, то ондозае душворӣ ва мураккабӣ дар фаҳми онҳо мавҷуд аст.

Дар зербоби сеюм – **“Меъёрҳои ҳуқуқии судӣ”** суд ва ҳокимияти судӣ таҳлил карда шудаанд. Суд ва ҳокимияти судӣ дар аҳди бостони мардуми тоҷику форс мақом ва манзалати хосаро доро буд. Ташаккул ва таҳаввули ҳокимияти вижаи судии мардуми тоҷик аз қаъри таърихи давлатдории Пешдодиён то Каёнину Ҳахоманишиҳо дар китобу достонҳои зиёди қадимию асримиёнагӣ ба тарзҳои мухталиф суруда шудаанд.

Дар марҳилаи ҳукмронии Сосониён системаи судӣ хуб ба роҳ монда шуда, баҳри беҳтар ва хубтар намудани фаъолияти судҳо ва судяҳо маҷмӯаҳои мухталифи ҳуқуқӣ ҳамчун роҳнамо барои судяҳо тартиб дода мешуданд. Дар таърихи давлати Сосониён дар муассисаҳои судӣ

ду навъи судяҳо – судяҳои пастмартаба ва баландмартаба амал менамуданд. Даъво, аз рӯи характер, ба он даъвоҳое ки аз тарафи судяҳои пастмартаба ва даъвоҳое, ки аз тарафи судяҳои баландмартаба баррасӣ мегардиданд, ҷудо карда мешуданд. Қайд намудан зарур аст, ки судяҳои баландмартаба, илова бар ин, мақоми аппелятсиониро дошта, дар баррасии такрории парвандаҳо ширкат менамуданд. Судҳои мақоми баланддошта моҳиятан ба сифати судҳои маъмурӣ низ ар қатори судҳои шоҳӣ ва Боргоҳи дод баромад менамуданд. Таркиби судҳо аз котибот ва муфаттишони судӣ иборат буд.

Боҷи судӣ муқаррар гардида буд, тамоми хароҷот барои тартиб додани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби тарафҳо пардохт карда мешуданд. Ҳаҷми ниҳоии боҷи судӣ ва хароҷот барои тайёр намудани ҳуҷҷатҳо 95 дирҳам муқаррар гардида буд. Қайд намудан зарур аст, ки дар баррасии масъалаҳо судяҳо як қатор ҳуҷҷатҳоро ба роҳбарӣ мегирифтанд: меъёрҳои Қонуннома; мактубҳои коҳинони олӣ; казусҳои ҳуқуқӣ, яъне ҳолатҳои судӣ ва намунаи ҳуҷҷатҳо.

